***ТДУ 7.04.+75.(075)***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-117-122***

***ИНТУИТСИЯ ДАР ЭҶОДИЁТИ БАДЕӢ***

***Ғаниева Малика Абдуқодировна,*** *муаллими калони кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров" (Тоҷикистон,Хуҷанд)*

***ИНТУИЦИЯ В ХУДОЖЕСТВЕННОМ ТВОРЧЕСТВЕ***

***Ганиева Малика Абдукадыровна,*** *старший преподаватель кафедры изобразительного искусства и народных промыслов ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

***INTUITION IN ARTISTIC CREATIVITY***

***Ghanieva Malika Abdukadirovna,*** *Senior Lecturer the Department of Graphic Arts and National Craft, Faculty of Fine Arts and Design, SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *bonumalika78@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *интуитсия (фиросат), ақл, хирад, идрок, тафаккур, тафаккури беихтиёрона, фалсафа, интуитсияи зеҳнӣ, интуитсияи эҳсосӣ*

*Дар мақола муаммои интуитсия дар илм ва санъат бо назардошти хусусиятҳои онҳо баррасӣ шудааст. Омилҳои мусбат ва манфии ташаккул ва инкишофи эҷодиёти илмӣ ва бадеиро тақсим ва таҳлили таркибӣ гузаронида шудааст. Диққати махсус ба таҳқиқоти хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳоро дар интуитсия дода шудааст. Бо баробари ин дар назар дошта шудааст, ки интуитсия дар зоҳиршавии эҷодиёти муҳими илмӣ ва бадеӣ кадом ҷойро ишғол мекунад. Бо вуҷуди ин сухан дар бораи аҳмияти муҳими он дар шаклҳои инкишофи илм ва санъат зикр карда шудааст.Интуитсия аз тарафи илмҳои бисёр омӯхта шуда истодааст. Дар атрофи он гирдоби мафҳумҳои ҳамдигарро истиснокунанда ба вуҷуд омадааст. Интуитсия аз рӯи нуқтаи назари самтҳои гуногуни фалсафавӣ (интуитивизм, материализм, расионализм) муоина шуда истодааст. Он бо равандҳои маърифати алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз, интуитсия – қисми ивазнашавандаи раванди эҷодӣ, хусусан эҷодиёти илмӣ мебошад.*

***Ключевые слова:*** *интуиция, ум, разум, восприятие, мышление, интуитивное мышление, философия, интеллектуальная интуиция, эмоциональная интуиция*

*В статье рассматривается проблема интуиции в науке и искусстве с учетом их особенностей. Выявлены положительные и отрицательные факторы формирования и развития научно-художественного творчества, проведен композиционный анализ. Особое внимание уделяется исследованию общих черт и различий интуиции. При этом рассматривается, какое место занимает интуиция в проявлении важного научного и художественного творчества. Однако упоминается о его значении в формах развития науки и искусства. Интуицию изучают многие науки, что способствовало появлению взаимоисключающих понятий. Интуиция изучается с точки зрения разных философских направлений (интуитивизма, материализма, рационализма). Это связано с познавательными процессами. В связи с этим интуиция является незаменимой частью творческого процесса, особенно научного творчества.*

***Key words:*** *intuition, mint, perception, thinking, intuitive thinking, philosophy, intellectual, emotional intuition*

*The article dwells on the issue beset with intuition in science and art, taking into account their features. The positive and negative factors of the formation and development of scientific and artistic creativity were separated and a compositional analysis was carried out. Particular attention is paid to the study of common features and differences of intuition. At the same time, it is considered what place intuition occupies in the manifestation of important scientific and artistic creativity. However, its significance in the forms of development of science and art is mentioned.Intuition is studied by many sciences. A whirlpool of mutually exclusive concepts arose around him. Intuition is considered from the point of view of different philosophical directions (intuitionism, materialism, rationalism). It is related to cognitive processes. In this regard, intuition is an indispensable part of the creative process, especially scientific creativity.*

Шуҳуд ин биниш ё идроки бевосита, ки дар баробари тааққул ё таммули огоҳона қарор дорад. Ин истилоҳ дар забони англисӣ "Intuition" ва русӣ "интуитция" омадааст.

Тарҷумаи "интуитсия" дар луғати русӣ-тоҷикӣ чунин омадааст: гувоҳии дил, ҳисси пешакӣ; фаросат, фаҳм [12, с.35].

Муаммои шуҷуд ба мероси бойи фалсафа такя мекунад. Эҳтимол, бисёрии муаммои фалсафа дар инкишофи худ чунин тағироти сифатиро дучор шудаанд ва ба таҳлили намояндагони

соҳаҳои гуногуни дониш гирифтор шудаанд. Масъала дар бораи шуҳуд бисёр вақт чун василаи мубориза тез байни тарафдорони материализм ва идеализм дучор шудааст. Дар гирди он гирдоби бутуни консепсияҳои якдигарро истиснокунанда ба вуҷуд омадаанд.

Дар таърихи фалсафа истилои "интуитсия" аз сабаби номуайянии худ мутассил, умуман қобилияти ба даст овардани беихтиёронаро ишорат мекунад [15,с.57]. Нигоҳи беихтиёрона ба ҳақиқат бо воситаи аъзои ҳис шакли аввалияи он ба ҳисоб мерафт. Донишҳои беихтиёрона бевосита, яъне он исботро талаб намекунад; сарчашмаи ин дониш қобилияти эҳсос мебошад, ки олами ботинӣ ва зоҳири одамро инъикос мекунад. Анри Бергсон (1854-1941), асосгузори мактаби фалсафии "интуитивизм" (чараёни фалсафии идеалистӣ, ки шуҳудро ягона воситаи идрок мешуморад), танҳо шуҳуди ҳисс ҳиссиётиро эътироф мекунад ва ӯ тасдиқ мекунад, ки:

- ақл, ҳамчун маҳсули таҳаввул, ба дарк кардани табиати ғайризинда қобил аст, аммо на ҳаёт; барои дарки таҳаввулот ба одам "интуитсия"-ро (ё ғариза), "шафқат", ё "ғамхори кардан", "интуитсияи эстетикӣ", "таваҷҷӯҳ"-ро додааст;

- хирад моҳиятро инъикос намекунад, балки танҳо муносибати байни ашёро. Агар ба ин гуногунии дониши бевоситаи илмӣ наздик шавем, маҳз он баъзан ҳамчун идрок, ки унсурҳои раванди фикркуниро (муқоиса, таҳлил ва синтез) ҳамроҳ мекунад, ки бо воситаи тимсоли предмети дарккунанда ё бо хотира пешниҳодшуда, дар доираи шуур фикран монанд кардан ошкор мешаванд, ба амал оварда мешавад [3, с.121].

"Идрок – қобилияти эҳсос кардани предмет ё ҳодисаи додашуда; дар идрок назди мо одатан олами одамон, ашё, ҳодиса паҳн шудаанд, ки барои мо аҳмияти муайянро иҷро мекунанд; байни онҳо дар чашми мо муносибати гуногуншакл гузошта шудааст, ки дар натиҷа дарк кардани вазъият ба вуҷуд меояд ва иштирокчӣ ё шоҳиди он мо ба ҳисоб меравем" [11, с.255].

Якумин маротиба нишонаҳои фалсафии муаммоӣ дар бораи интуитсия дар таълимоти Платон ва Афлотун қайд шудааст. Маҳз дар ин ҷо табиати эҳсоси беихтиёрона инкор карда шуда буд. Интуитсия ба доираи тафаккури абстрактӣ гузаронида шуд. Онҳо танҳо интуитсияро, ки ҳақиқати фундаменталӣ ва худинкоркуниро (дар табиатшиносӣ ва математика – аксиомаҳо) эътироф мекарданд ва тафаккури беихтиёронаи мантиқро муқобил намегузоштанд. Интуитсия аз тарафи онҳо ҳамчун навъи олии дониш, танҳо дониши зеҳнӣ дида баромада мешуд.

Психологи рус Р.С. Немов тафаккурро чунин шарҳ додааст: "тафаккур – ин дарк кардани ғайримустақими олам, яъне гирифтани дониш дар бораи он тавассути воситаҳои махсус: мантиқи тафаккур, асбоб, таҷҳизот, мошин ва ғайра [8, с.255].

"Тафаккури абстрактӣ – намуди тафаккур, ки бо ёрии амалиётҳои мантиқӣ бо мафҳумҳо амалӣ гардонида мешавад. Барои одамоне, ки бо таҳқиқотҳои илмӣ ва назариявӣ – методологӣ машғул мебошанд хос мебошад" [13, с.362].

Аммо аҳамияти якуминдараҷа ба сифати қобилияти олӣ фаъолияти маърифатӣ, интуитсия дар фалсафаи нави ҳозира соҳиб мешавад. Френсис Бекон – асосгузори материализми англиси асри XII – дар таърихи фалсафа ҷои махсусро ишғол мекунад. Бо асарҳои ӯ дар илм муаммоҳои ҳалнашудаи дарккунӣ ва методҳо омадаанд. Ба истифодаи интуитсияи эҳсосии қадима ҷасорат накарда ӯ шакокона ба интуитсияи зеҳнии асримиёнагӣ муносибат мекард, бинобар ин таҳқиқоти методи индуктивии ӯ барои пешгӯии таърихии таҳаввулоти муаммои интуитсия зарур буд.

Дар нақши консепсияи комилҳуқуқ ва пурҷӯшу хурӯши фалсафавӣ донишҳои беихтиёрона дар давраи расионализми асри XII баромад кардааст. Аз натурализми Ф. Бекон ба ҳудуди материалистӣ баъд ба воситаи Т. Гоббс ба Б. Спиноза мегузарад. Табиатшиносӣ ва математикаи асри XII дар давраи табиатшиносии механикӣ бо ҳукмфармоӣ дар он тарзи тафаккури метафизикӣ дохил шудааст.

Инкишофи бӯҳронии табиатшиносӣ ва математика дар асри XII дар назди илм як қатор муаммои гносеологиро пешниҳод мекунад: дар бораи гузариш аз фактҳои ягона ба умум, ки ба мавқеи илм зарур мебошад, дар бораи дурустии додаҳои илми табиатшиносӣ ва математика, дар бораи табиати мафҳумҳои математикӣ ва аксиома ва ғ. Методҳои нав дар назарияи идрок талаб карда мешавад, ки онҳо барои муайян кардани сарчашмаҳои зарурӣ ва умумияти қонуниятҳои илм пешниҳодкарда имконият медиҳад. Дар натиҷа дар илми фалсафа таваҷҷӯҳ ба методҳои таҳқиқоти илмӣ баланд гардад ва назарияи интуитсияи зеҳнӣ ба вуҷуд омад.

"Ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи анъанавии дидактикӣ "чи тавр омӯзонидан" моро ба категорияи методҳои таълим мебарорад. Бе методҳо ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда, ғанӣ гардонидани мазмуни зарурии таълим ғайри имкон аст. Нақши он дар низоми "мақсад – мазмун – метод – шакл – воситаи таълим" муайянкунанда ба ҳисоб меравад" [10, с.321].

Тавсир ва муносибати гуногун ба интуитсия дар таърихи фалсафа аз асри XII оғоз гардида дар алоқамандӣ бо масъалаҳо, ки илмҳои табиатшиносӣ ва математика пешниҳод карда буд, инкишоф меёбад. Кӯшишҳои навро аз фалсафа талаб мекард, ки ҷиддитар, амиқ қобилиятҳои ақлии инсонро бо методологияи ба илм асоснок омӯзад. Рост ба моҳияти предметҳо бо ёрии интуитсияи зеҳнӣ нигоҳ кардан барои табиатшиносии асри XII аз ҷамъшавии одӣ ба навиштаҷотҳои фактҳо ба таҷриба, ба озмоиш ва исботи илмӣ гузашта дар ҳақиқат нокифоя буд.

Аз рӯи нуқтаи назари диалектикаи материалистӣ интуитсияи зеҳнӣ ин донистани ақл мебошад, он ба мушоҳидаи эҳсосӣ (интуитсияи эҳсосӣ) мушобеҳ намебошад, аз ин лиҳоз номи он ифодаи образнокро дорад. “Аммо дар ин ифода, навиштааст В.Ф. Асмус, - маънои амиқ пинҳон мебошад: он якум, фикр дар бораи пайдоиши абстраксия ва донистани ақл истодааст ва дар асоси онҳо мушоҳидаи эҳсосӣ дар бар гирифтааст; дуюм, фикр дар бораи он, ки дар таркиби донистани ақл ҳақиқат мавҷуд мебошад на дар асоси исбот, балки ба осонӣ аз нигоҳи мазмуни фикрӣ дар онҳо эътироф мекунад. Кофист, ки ба ин мазмун сарфаҳм равем – ва ҳамон лаҳза шуури тағйирнопазири ҳақиқат ба вуҷуд меояд. Чунки ҳақиқат ба биниши эҳсосӣ мушоҳида намешавад, вале ҳамчун ҳақиқат дарк карда мешавад ва бевосита воқеиятро инъикос мекунад. Аз интуитсияи эҳсосӣ онҳоро хислати донистани зеҳнӣ фарқ мекунад. Онҳоро бо интуитсияи эҳсосӣ бевосита наздик мекунад. Ин бевоситагӣ, новобастагии мазмун аз исбот ба донистани хислати зеҳниро ошкор меояд” [1, с.90].

Дар таҳияи консепсияи интуитсияи зеҳнӣ М. Бунге саҳми калонро гузоштааст. Интуитсияи зеҳнӣ аз тарафи ӯ ба зернамудҳо дар вобастагӣ аз хусусиятҳои он дар вазъиятҳои гуногуни муаммогӣ ва зеҳнӣ ҷудо карда шудааст. Аз рӯи нуқтаи назари фалсафа ва психология яке аз шавқовартарин гуногунии интуитсияи зеҳнӣ ба ҳисоб меравад, ки М. Бунге бо “тавассути эҷодӣ” монанд кардааст. “Онро эҷодӣ меноманд, - навиштааст ӯ, - ё он - қобилияти эҷод кардани мафҳум ва низоми мафҳумҳоро дорад, ки метавонад дар ҳиссиёт мувофиқ набошад, аммо ҳатто онҳо ба ягон чиз дар воқеият монанд намебошанд, инчунин барои он, ки онҳо ба ҳиссиёт ғояҳои ғайриқобилиятиро даъват мекунанд” [4,с.21]. Ин интуитсияи эҷодӣ-фарзияҳо, ихтироҳои нави техникӣ ва роҳҳои таҳқиқоти озмоиширо ба вуҷуд меоранд.

“Қобилият – ин хусусияти фардии одам, ки дар фаъолият зоҳир мегардад ва шарти бомуваффақиятии иҷрои он ба ҳисоб меравад. Аз қобилият, суръат, амиқӣ, осон ва устувории гирифтани раванди дониш, маҳорат ва малака вобаста аст, аммо худи қобилият ба дониш ва маҳорат намебарад” [16, с.118].

Инак, ҳамаи он, ки беихтиёрона ба амал меояд, бояд ногаҳон, тасодуфан, бевосита, ошкор, нафаҳмида, тез, бешуурона, осон, берун аз мантиқ ва мушоҳида, ва дар як вакт – худ аз худ мантиқӣ ва ба таҷрибаи ҳиссиётии пешина асосёфта бошад. Олимони фалсафа, психологҳо дар натиҷаи таҳқиқотҳои тӯлонӣ ба хулоса омаданд, ки интуитсия бо эҷодиёти бадеӣ алоқаи ногусастанӣ дорад.

Ба муаммои интуитсия дар эҷодиёти бадеӣ ва идроки илмӣ, дар фикри илмӣ, хусусан, дар фалсафа ва психология диққати калон додаанд.

Шумораи калони корҳо ва мақолаҳо, инчунин хислати коллективидошта, оид ба муаммои мазкур додашуда мавҷуд мебошад [5].

Мавзӯи дар боло қайд шуда аз рӯи моҳият яке аз муаммои ҳаётан муҳим натанҳо дар фалсафа ва психология, балки дар илмӣ муосир ба ҳисоб меравад. Чиро ба таҳқиқотчиёни муосир фавқулодда омӯхтани масъалаи додашуда ҳавасманд ва маҷбур мекунанд?

Ҷавобро мо дар ҳаёти муосир, маҳз дар он, ки давраи мо вақти инқилоби илмӣ – техникии давомдодаистода, вақти инкишофи бемисл, фавқулодда бузургӣ илм ва техника мебошад.

Натиҷаи чунин пешравии илмӣ – техникӣ шумораи калони кушоишҳои илмӣ ба ҳисоб меравад. Аммо беназирии таҳқиқотҳои илмӣ, аниқтараш, раванди асроромез, асосан ба ин кушоишҳо дар олимони муосир шавқро даъват мекунанд [14, с.5].

Ҳамин тавр, муаммои муносибати мантиқӣ ва ғайри мантиқӣ дар раванди дарккунӣ дар вақти ҳозира бо қувваи нав истодааст.

Дар мақолаи шавқовари физиологи Америкоӣ У.Б. Кеннон мо метавонем ҷавоб ба саволи чи тавр олимон дониши навро ба даст меоранд дарёфт кунем. Маълум мегардад, ки сараввал таҳқиқотчиён дар вақти кушоишҳо на танҳо қувваи ақл (зери он онҳо раванди тафаккури мантиқиро мефаҳманд), балки инчунин ба шакли дарк кардани ғайримантиқӣ (интуитсия), ки дар шакли тахмин, фарз ва илҳомро ба ҳисоб мегирад [6, с.119].

"Тафаккури мантиқӣ, марҳалаи олӣ дар инкишофи қобилиятҳои фикрии одам ба ҳисоб рафта, бо баробари ин "идеали" умуман тафаккур, нуқтаи охирони инкишофи зеҳнӣ шуда наметавонанд" [9, с.118].

Чунин таҳқиқотҳо имконият медиҳад, бо он шароитҳое, ки раванди беихтиёронаи дарк карданро мусоидат ё монеъ мешавад, шинос мекунад. Ба шароитҳои манфӣ чунин омилҳо муносибат дорад:

- аз ҳад зиёд мондашавии ҷисмонӣ ва ақлӣ;
- оташинӣ ба мағал ва сафсата;
- ташвиши хонагӣ ва пул;
- рӯҳафтодагии умумӣ;
- таъсуроти муассирии сахт;
- инчунин кор, зери калтак;
- танаффусҳои маҷбурӣ дар кор ва ҳатто танҳо ҳаяҷон ва тарс, ки бо интизории чунин танаффусҳои имконпазир алоқаманд.

Ба омилҳои созгор, ки раванди дарк карданро беихтиёрона ҳавасманд мекунанд, чунин лаҳзаҳо дохил мешаванд:

- шавқ ба мавзӯи омӯхташаванда;
- муайянкунии аниқ;
- хоҳиши сахти ҳал кардани он;
- мавҷуд будани захираи калони маълумоти ҷамъшуда;
- омилҳо бояд ташкилшуда ва ба низом дароварда шуда бошанд.

Ба омилҳои мусбӣ, инчунин чунин ҳиссиётҳо, ба монанди ҳисси озодӣ ва беҳбудӣ дохил мешаванд. Дигар омили на он қадар муҳим хондан ва муҳокима бо ҳамкорон, кор ва мақола, ки ба мавзӯи таҳқиқот ва ба методҳо, ки бо ёрии онҳо муаммо бояд ҳал шавад дохил мешаванд.

Нақши шакли ғайримантиқии дарк кардани эҷодиёти бадеӣ, инчунин дар вақти ҳозира қариб, ки омили баҳснопазир ба ҳисоб меравад. Дар бораи ин аллакай дар муҳити фалсафӣ – психологӣ рӯи рост гуфтан мумкин аст. Намунаи равшан ба ин мақолаи коллективонаи "Дар бораи зоҳир шудани фаъолнокии бешуурона дар эҷодиёти бадеӣ", ки муаллифон як қатор мулоҳизаҳои шавқангез, ки ба фаҳмиши шакли ғайримантиқии идрок дар ба вуҷуд овардан ва дарк кардани асарҳои бадеӣ дохил мешавад, кӯшиш карданд, ифода кунанд.

Дар мақолаи худ муаллифон қайд мекунанд, ки вобастагии асарҳои бадеӣ аз фаъолнокии бешуурона ҳеҷ вақт, аз рӯи моҳият, шубҳаро даъват накардааст. Он ба шумораи омилҳо дохил мешаванд, ки ҳамчун бебаҳсии эмпирикӣ дида баромада шудааст, ва кайҳо предмети таҳқиқоти сабкҳои гуногун гаштааст [2, с.129].

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар фаҳмиши нақши асосии ташкилдиҳӣ дар беназиирии эҷодиёти бадеӣ нақши калонро таҳияи тасаввуроти аниқи психологӣ дар бораи функусияҳои бешуурӣ боздидааст. Дар адабиёти Россия, аниқтараш шӯравӣ чунин таҳияҳо бо консепсияҳои "гузориши психологӣ"-и олими машҳур Д.Н. Узнадзе ва мактаби ӯ алоқаманд мебошад (И.Т. Бжалова, Н.В. Имедадзе, А.С. Прангишвили, Ш.Н. Чхартишвили) [7, с. 20].

Бо ёрии консепсияи дар боло қайдшуда дохил кардани ҷуръати озмоиш дар таҳқиқоти раванди бошуурона, инчунин омили воқеии тобеъ кардани таҳлил ва эзоҳи ин тасаввуроти мантиқӣ ва принсипҳои раванди маърифатӣ дар фаҳмиши ҷиддии илмии ӯ гардид.

Нигоҳҳои хаёлӣ ба заминаҳои эҷодиёти бадеӣ ва бисёр нодири ҳаммаъно набуда мавҷуд мебошанд. Масалан, соли 1985 дар симпозиуми дар Франсия баргузор гардида, ки мавзӯи алоқамандии санъат ва таҳлили психикӣ буд, маърузаи Н. Дракулидес "Эҷодиёти рассом, ки ба таҳлили психикӣ дучор гашта буд" шунида шуд. Дар баромади худ олим ақидаи худро ҳимоя карда буд, ки мувофиқи он эҷодиёти рассом душвориҳои таассурот ва маҳрумшавии ба дӯши ӯ афтода, ӯро ҳавасманд мекунад. Н. Дракулидес тасдиқ мекунад, ки таҳлили тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти бисёр арбобони намоёни санъат ба сухан гуфтан имкон медиҳад, ки фрустрасия (фрустрасия – ҳолати психикӣ, ки дар вазъияти воқеӣ ё ноимконияти қаноатмандии ин ё он талабот ё сода карда гӯем, дар вазъият номувофиқии хоҳиши ба имкониятҳои мавҷудбуда ба вуҷуд меояд) ва ҳамаи намудҳои маҳрумшавӣ, хусусиятҳои маҷрӯҳшавии амиқи психикӣ дошта ба истеъдоди рассом таъсир мерасонад. Албатта, фрустрасия, дар шароити муайян, метавонад эҷодиётро ҳавасманд гардонад. Аммо бо пуррагӣ ба фрустрасия, ҳамчун лаҳзаи асосӣ дар раванди эҷодӣ такя кардан нодуруст аст, чунки таъсири фрустрасия ба эҷодиёт аз шумораи калони шароитҳои омадаистода вобаста аст, ва бо баробари он ҳатто ба пешгӯии наздиктарин саркашӣ мекунад. Ғайр аз ин шумораи зиёди намунаҳо маълум аст, ки бисёрии одамони

барҷаста, ба фрустрасия ва маҳрумшавӣ гирифтор намебошанд, балки баръакс, шароити мусоид барои эҷодиёт доранд.

Ҳамин тавр, ҳамаи фикрҳои дар боло қайдшуда имкон медиҳанд, ки дар идроки илмӣ умумӣ ва фарқият ва дар эҷодиёти бадеӣ бо назардошти дар онҳо зоҳир гардидани интуитсия мавҷуд мебошад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Асмус, В.Ф. Проблема интуиции в философии и математике/В.Ф.Асмус.- М.: Мысль, 1965. – 312с.
2. Бассин, Ф.В. О проявлении активности бессознательного в художественном творчестве/Ф.В. Бассин, А.С.Прангишвили, А.Е.Шерозия// Вопросы философии. – 1978. - № 2.
3. Бергсон, А. Собрание сочинений; пер. с фр. М. Булгакова; перераб. Б. Бычковским. – Изд. 2-е. – Т. 1 Творческая эволюция. СПб: Изд. М.И. Семёнова – 1913. – 331с.
4. Бунге, М. Интуиция и наука/М.Бунге.- М.: Прогресс, 1967. – 188 с.
5. Интуиция, логика, творчество // Сборник научных статей. – М., 1987.
6. Кеннон, У.Б. Проблема шока: избранные статьи: сборник научных трудов / У.Б. Кеннон; ред. Х.С. Коштоянц. – Москва; Ленинград: Издательство Академии Наук СССР, 1943. – 117с.
7. Морозов, И.М. Природа интуиции/И.М.Морозов. – Минск, 1990.
8. Немов, Р.С. Психология: учебник для бакалавров / Р.С. Немов. – М.: Издательство Юрайт; ИД Юрайт, – 2013. – 635с.
9. Островский, Э.В. Основы психологии: Учеб. Пособие/Э.В.Островский. – М.: Вузовский учебник: ИНФРА – М, 2014. – 268с.
10. Подласый, И.П. Педагогика: учубник / И.П. Подласый. – 2-е изд., доп. М.: Издательство Юрайт; Высшее образование, 2010. – 574с.
11. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии /С.Л.Рубинштейн. – Москва: Издательство АСТ, 2021. – 960с.
12. Русско-таджикский словарь: Свыше 72000 слов / С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М. Бегбуди и др.; под. ред. М.С. Асимова. –М.: Рус.яз., 1985. – 1280с.
13. Руденко, А.М. Психология: учебник / А.М. Руденко. – Растов - н/Д: Феникс, 2012. – 556с.
14. Симонов, П.В. Мозг и творчество/ П.В.Симонов// Вопросы философии. – 1992. - №11. Поступила в редакцию 14.11.06 г.
15. Сорокин, Б.Ф. Философия и психология творчества: научно-методическое пособие для аспирантов и молодых преподавателей. – Орёл: Изд-во: Орловский государственный университет, 2000. – 104 с.
16. Столяренко, Л.Д. Психология: краткий лекций / Л.Д. Столяренко, В.Е. Столяренко. – 4-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2011. – 173с.


## REFERENCES:


1. Asmus V.F. The problem of intuition in philosophy and mathematics. M.: Mysl, 1965. – 312 p.
2. Bassin F.V., Prangishvili A.S., Sherozia A.E. On the manifestation of the activity of the unconscious in artistic creativity // Issues of Philosophy. – 1978. - No. 2.
3. Bergson A. Collected Works; lane from fr. M. Bulgakova; reworked B. Bychkovsky. – The 2nd edition. V.1 Creative evolution. SPb: Publishing house. M.I. Semenov – 1913. – 331 p.
4. Bunge M. Intuition and science. M.: Progress, 1967. – 188 p.
5. Intuition, logic, creativity // Collection of scientific articles. – M., 1987.
6. Cannon W.B. The problem of shock: selected articles: collection of scientific papers / U.B. Cannon; ed. H.S. Koshtoyants. - Moscow; Leningrad: Publishing House of the USSR Academy of Sciences, 1943. – 117 p.
7. Morozov I.M. The nature of intuition. – Minsk, 1990.
8. Nemov R.S. Psychology: textbook for bachelors / R.S. Nemov. – M.: Yurayt, – 2013. – 635 p.
9. Ostrovsky E.V. Fundamentals of Psychology:Textbook. allowance.–M.:INFRA – M., 2014. – 268 p.
10. Podlasy I.P.Pedagogy: textbook/I.P. Podlasy.–2nd ed., add. - M.: Higher education, 2010. – 574 p.
11. Rubinshtein Sergey Leonidovich. Fundamentals of general psychology / Sergei Rubinstein. – Moscow: AST, 2021. – 960 p.
12. Russian-Tajik dictionary: Over 72,000 words / S.D. Arzumanov, Kh.A. Ahrori, M. Begbudi et al.; under. ed. M.S. Asimova. – M.: Rusian, 1985. – 1280 p.
13. Rudenko A.M. Psychology: textbook / A.M. Rudenko. – Rastov - n/a: Phoenix, 2012. – 556 p.
14. Simonov P.V. Brain and creativity // Issues of philosophy. – 1992. - No. 11. Received by the editor on November 14, 2006.

15. Sorokin B.F. Philosophy and psychology of creativity: a scientific and methodological manual for graduate students and young teachers . - Orel:Oryol State University, 2000. – 104 p.
16. Stolyarenko, L.D. Psychology: short lectures / L.D. Stolyarenko, V.E. Stolyarenko. – 4th ed., revised. and additional – M.: Yurayt, 2011. – 173 p.